03 07 2019



**Баъд аз ба даст овардани Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон 9 сентябри соли 1991 равишхои нохамвору бесубот кишварро рӯз ба рӯз ба самти норавшану гирдоби ноором наздиктар менамуд. Вазъият то чое расид, ки чанги тахмилии шахрвандӣ огоз шуда, бар асари он беш аз 150 хазор нафар курбон ва наздик ба як миллион нафар гуреза шуданд.**
Вазъият ба майдон омадани пешвои сиёсиеро талаб мекард, ки бояд мухимтарин сифатхоро доро бошад ва ниёзи мардумро хуб дарк намуда, аз рӯи манфиату арзишхои умумимиллӣ амал намояд, ба махдудият ва махалгароӣ рох надода, чахонбинии васеъ, дурандешии сиёсӣ ва иродаи кавӣ дошта, дар амалӣ гардидани сиёсати давлатӣ собиткадам бошад.
Вакилони мардумӣ ин сифатхоро дар симои Эмомалӣ Рахмон дарёфтанд ва мохи ноябри соли 1992 дар Ичлосияи 16 - уми Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон ин шахсияти барчастаро Раиси Шӯрои Олӣ – Сарвари давлат интихоб намуданд. Пешвои миллат дар давроне ба хайси Рохбари сиёсӣ фаъолиятро огоз карданд, ки Точикистон бо ноороми хои сиёсӣ рӯ ба рӯ гардида буд.

Дар чунин лахзаи такдирсоз ба эътидол овардани вазъ кори басо мураккаб буд. Масъулияти хифзи манфиатхои миллӣ Сарвари давлатро ба интихоби тарзу усули гайримукаррарии фаъолият ва часурона водор кард. Эмомалӣ Рахмон вазифахои аввалиндарачаро муайян карда, барои халли он кӯшиши беандоза ба харч доданд. Тавре

маълум, вазифаи нахустин хомӯш намудани оташи чанг ва аз муковимати мусаллахона ба гуфтушуниди натичабахш огоз кардан мукаррар гардид. Дуюм, гурезахо ва мухочирони ичборӣ бояд ба Ватан ва чои зисти доимиашон баргардонда мешуданд. Хамзамон, масъалаи таъмини конуният ва таъмини мардум бо маводи озука чорахои таъчилӣ андешида шуда, бояд таваччухи чомеаи чахонӣ ба мушкили Точикистон чалб карда мешуд.
Аз чониби Раиси Шӯрои Олӣ мухтарам Эмомалӣ Рахмон Консепсияи вахдати миллӣ пешниход шуд, ки барои амалӣ сохтани он ба неруи созанда ва тамаддунгарои чомеаи точик такя намуда, тамоми истеъдоди сиёсии худро бахри овардани сулх ба Ватан равона намуданд. Бо ин максад солхои 1994 – 1997 хашт даври гуфтушунид байни точикон, аз чумла: дар шахри Москва (даври 1 ва 7), дар шахри Техрон (даври 2, 6 ва 8), дар шахри Исломобод (даври 3), дар Алмаато (даври 4) ва дар Ашкобод (даври 5) гузаронда шуда, 27 июни соли 1997 дар шахри Москва Созишномаи умумии истикрори сулх ва ризоияти миллӣ ба имзо расид.
Фаъолияти минбаъдаи ин сиёсатмадори сатхи чахонӣ нишон дод, ки хадафу вазифахои дарпешгузошта, пурра ичро гардида, дар рохи ба даст овардан ва мустахкам намудани сулху вахдат, баркароркунии низоми сиёсӣ, тамомияти арзӣ ва эхёи худшиносии миллӣ корхои судманд анчом ёфтанд.
Дар раванди фаъолияти сарвариашон мухтарам Эмомалӣ Рахмон барои рушду инкишофи сиёсати дохилӣ ва хоричии кишвар тадбирхои боварибахшу ташаббусхои чахониеро анчом доданд, ки дар иртибот ба онхо эътибори байналмилалии Точикистони азиз тахким ёфт. Ин буд, ки мардуми шарафманди точик ба Сарвари хеш унвони Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллатро сазовор донистанд.
Холо раванди ташаккулёбии мактаби сарварии Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон на танхо барои шахрвандони кишвар, балки барои тамоми точикони дунё мактаби навест, ки дар сарчамъ намудани точикон, рушду инкишоф, муаррифии точику точикистониён ва кишвари азизамон накши мухим дорад.
Пешвои миллат дар раванди баркарор намудани сулху вахдати миллӣ борхо даъват ба амал оварда, изхор доштанд: «То он даме, ки мо сулх ва оромиро дар хонаи худ баркарор накунем, то он даме, ки ярокхоро нагузорем ва ба мехнати созандагӣ огоз набахшем, хеч як кувва аз берун наметавонад, ки вазъияти моро бехтар намояд. Биёед гунахкорнамоии тарафайнро хотима бахшем, тамоми чихатхои манфии гузаштаро фаромӯш созем, ярокхоро гузорем, хамчун бародар дасти якдигар гирем ва ба мехнати созандаи осоишта огоз намоем».
Дарвокеъ, Президенти кишвар тамоми кувваи худро ба катъ намудани мухолифати шахрвандӣ ва ба даст овардани сулх равона намуда, сатхи баланди эътироф ва эхтироми ахолиро сазовор ва Сарвари сиёсии умумимиллӣ гардиданд.
Аз ин лихоз, моро зарур аст, ки барои рушду ояндаи давлату миллати худ ва фарохам овардани шароити хуби зиндагӣ барои наслхои минбаъда аз ин неъматхои пурарзиш истифода намуда, бо хамдигар дасти ба даст дар атрофи Пешвои худ муттахид бошем ва сулху озодии Точикистони азизамонро хамчун гавхараки чашм хифз намоем.

**Дилшод ДАВЛАТЗОДА,**
**мутахассиси пешбари бахши ёрдамчии**
**Президенти Чумхурии Точикистон**
**оид ба масъалахои хукукӣ,**
**унвончӯи шуъбаи сиёсатшиносии**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва хукуки**
**Академияи илмхои Чумхурии Точикистон**